«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои таърих, профессор
Иброҳимзода А.И. ____________
« 29 » ____ 09 ____ соли 2022

# ХУЛОСА

## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рисола дар мавзуи "Хусусиятҳои иқтисодӣ - географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба иҷро расидааст.

Дар давраи омодасозии рисола Ҳақназаров Умарали Нуралиевич доктори (PhD), доктори фалсафаи кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҳақназаров Умарали Нуралиевич соли 2008 ба факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дохил гардида, соли 2012 онро аз рӯи ихтисоси "География - демография" хатм намуда, соли 2012 ҳуҷҷатҳоящро дар шуъбаи магистратураи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ супорида соли 2014 онро аз рӯи ихтисоси "Геоитилоотӣ" хатм намудааст. Сипас соли 2015 ҳуҷҷатҳояшро дар шуъбаи докторантураи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бо ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси "6D060901 Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ" супорида онро бо муваффақият таҳти фармони № 395 - ОД, аз санаи 03.08.2018 хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ: Алишер Ҷураев, номзади илмҳои иқтисод, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ яке аз сабабҳои асосии тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иктисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки он ба сатҳи зиндагӣ, даромад, хароҷоти аҳолӣ, таносуби бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъсири назаррас расонид. Шароити рақобати шадиди иктисоди бозоргонӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, вазъи бекорӣ, нарасидани ҷойҳои корӣ, дараҷаи пасти музди меҳнат ва дигар омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи иҷтимоию иктисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзии аҳолӣ гардид. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар намудани дараҷаи таъминоти моддии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ самтҳои ба кор шомил шудани аҳолиро таҷассум намуда, самти ҳаракати аҳолии қобили меҳнатро дар байни ҳудудҳои географӣ (ноҳия, вилоят, мамлакат, қитъа ва г.) бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ муаян менамояд. Аз тарафи дигар оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хоҳ мусбӣ ё манфӣ ҳамеша хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Дар робита ба ин масъала зарурияти омӯзиши хусусиятҳои иктисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат муҳим аст. Агар дар шароити кунунӣ муҳоҷирати меҳнатӣ амалӣ нагардад, он метавонад Тоҷикистонро ба мушкилиҳои зиёд рӯбарӯ гардонад. Яъне ҳангоми маҳдуд кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ он метавонад боиси зиёд гардидани шумораи бекорон, кам шудани даромади аҳолӣ ва таназзул ёфтани иктисодиёти мамлакат шавад. аз ҷониби дигар, вазъи иктисодии мамлакат имконияти пурраи истифодаи захираҳои меҳнатии мавҷударо надорад. Ҳамин тавр, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст намудани шиддати бозори меҳнат ва нигоҳдории сатҳи иктисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Бинобар

омузиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахши он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самаранокии он аз муҳим будани омузиши ин масъала дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти мушкилоти зикршуда, тафовути ҳудудӣ дар сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ноустувории бозори меҳнат, номуайянии омори муътамад яке аз сабабҳои асосии объекти таҳқиқот интихоб намудани муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби мавзуи таҳқиқотии рисолаи илмӣ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла:

1. Муҳоҷирати меҳнатӣ аз назари илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, назарияи олимони соҳавӣ тавсиф ва дар асоси таҳлилҳои илмӣ муайян карда шуд, ки он категорияи гуногунҷабҳа буда, механизми дурусти татбиқи он таҳқиқ ва пешниҳод шудааст.

2. Асосҳои назариявии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир таҳқиқ гардида, усулҳо, механизм ва тартиби интиқолшудани муҳоҷирон бо дарназардошти фарқияти минтақаҳо таҳлил карда шуданд;

3. Сабаб ва оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, мушкилотҳои мавҷудаи он ва асоснокгардонии омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳури ба таври илмӣ пешниҳод шудааст.

4. Таҳқиқоти сотсиологи воқеияти масъаларо оид ба нақши муҳоҷирати меҳнати дар минтақаҳо барои беҳтар гардидани некуаҳволии хонаводаҳо асоснок намуд;

5. Тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ чунин тавсияҳои амалӣ пешниҳод мешаванд, ки барои мукаммал гардонидани муҳоҷирати меҳнатӣ дар қаламрави Ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Барои истифодаи пурраи захираҳои меҳнатӣ ва паст кардани дараҷаи бекорӣ бояд корҳои зерин ба анҷом расонида шавад:

- дар шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳот сохтани корхонаҳои хурди саноатӣ, рушд ва васеъ намудани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ;

- беҳтар намудани фаъолияти хизматрасонии маишиву комуникатсионӣ;

- таъсис додани минтақаҳои аграриву саноатӣ бо мақсади истифодаи мавсимии қувваҳои корӣ;

- таъсис намудани ҷойҳои кории холӣ дорои шароити хуб барои занон;

- баланд бардоштани дараҷаи такмили ихтисоси кормандон;

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд перомуни такмил додани сатҳи таҳсилоти аҳолии кишвар мусоидат намояд. Натиҷаҳои илмии бадастомадаро метавон дар раванди таълими фанҳои демография, сотсиалогия, географияи аҳолӣ, географияи иқтисодӣ иҷтимоии Тоҷикистон ва дигар фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили конунуниятҳои ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро оид ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводҳои таҳлил гардида бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси

таҳлили Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расми www.prezident.tj. ва ғайра ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Оид ба мухтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия чоп шудаанд:**

**[1–М].** Ҳақназаров У.Н. Теория и методология трудовой миграции. [Текст] / У.Н. Ҳақназаров // Паёми ДМТ. – 2017- № 2/4. с. 103-107, ISSN 2413-5151.

**[2–М].** Ҳақназаров У.Н. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз омилҳои асосии таъмини захираҳои меҳнатӣ. [Текст] / У.Н. Ҳақназаров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2018. – №2. – С. 98–105. ISSN 2076- 2569.

**[3–М].** Ҳақназаров У.Н. Афзоиши аҳолӣ ва баъзе масъалаҳои демографии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / У.Н. Ҳақназаров // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. 2018. - №1 (1) – С. 62–67. , ISSN 2219-5408.

**[4–М].** Ҳақназаров У.Н. Назария ва методологияи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / У.Н. Ҳақназаров // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. – 2018. – №1 (1). – С. 98–103. ISSN 2219-5408.

[5 М]. Ҳақназаров. У.Н., Ҷураев. А.Ҷ. Сиёсати муҳоҷирати меҳнати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / У.Н. Ҳақназаров А.Ҷ. Ҷураев. // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. – 2022. – №4 (16). – С. 71–75. ISSN 2707-9996.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:**

[6 М]. Ҳақназаров. У.Н. Сиёсати шуғл ва кафолати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / У.Н. Ҳақназаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «НБО-и Роғун кафолати истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон» Душанбе (27,03,2019). – с. 219 - 226.

[7 М]. Ҳақназаров. У.Н. Сиесати муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳалли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / У.Н. Ҳақназаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба « Бистсолаи омузиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ *Алишер Ҷӯраев* дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе – 2021. – С 328-337.

[8–М]. Ҳақназаров. У.Н. Ба шуғл фарогирию паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / У.Н. Ҳақназаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ – амалӣ дар мавзуи « НБО – Роғун кафолати истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон». Душанбе – 2019. – С 107-109.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 17 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Рисолаи Ҳақназаров У.Н. дар мавзуи "Хусусиятҳои иқтисодӣ географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси илмҳои география 6D060901 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12, "зид" - 0, "бетараф" - 0, протоколи № 2 аз 11.11.2022.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,**
**номзади илмҳои география:** **Табаруков М.И.**

**Котиби ҷаласа:**
**дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ:** **Гулмирзоев Қ.Ҳ.**

**Имзои Табаруков М.И. ва Гулмирзоев Қ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

« 29 » 09 **2022 с.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рудакӣ 121, www.tgpu.tj;
E-mail: info@tgpu.tj, тел: +992 (37) 224 13 83